Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Кори илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" ба таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои томактабӣ бахшида шудааст.

Дар кори илмӣ баррасии паҳлуҳои гуногуни ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои олимони соҳа дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ арзёбӣ гардидааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти илмӣ Шарифзода Наргис Достӣ муайян гардид, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солимро дар кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва татбиқ намудааст.

Нуктаҳои назариявию методологӣ дар таҳқиқоти илмӣ ҳамаҷониба матраҳ гардида, ба талаботи имрӯзаи ташкилу гузаронидани озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунад.

Навгонии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки он фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуъ будани вазифаҳо ва фарзияи илмӣ мебошад.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ омӯхта ва таҳлил карда шуда, дар ҳамин асос нуктаи назари илмии мавсуф пешниҳод шудааст.

Хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки диссертант ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл ва дар амал тасдиқ намудааст.

Дар таҳқиқоти илмӣ пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ баён шудааст.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда

аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - "Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" масъалаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ, мавқеи оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакон, технологияи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки таъмин намудани саломатӣ ва муътадил инкишоф додани ҷисми кӯдакони хурдсол, инчунин инкишофи дурусти фаъолияти психикию равонии онҳо пеш аз ҳама вазифаи асосии тарбия ба ҳисоб меравад.

Оид ба масъалаҳои мазкур муҳаққиқ ба ашъори шоирони классик, махсусан ба ашъори асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таваҷҷуҳи зиёд намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи ашъори шоир нишон медиҳад, ки устод ҳамчун омӯзгори ахлоқ ва равоншинос на танҳо ба ташаккули маънавӣ, балки ба ташаккули ҷисмонии инсон низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуданд. Ба андешаи Рӯдакӣ, барои хушии зиндагӣ, саодати рӯзгор ва ҷовидонии ном инсон бояд ҳатман тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ гирад.

Дар боби дуюм "Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" масъалаҳои ташхиси муайнкунандаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, технологияҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ баррасӣ мегардад.

Дар таҳқиқоти мазкур барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардидааст, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ мавриди ташкили машгулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд.

Ба андешаи муҳаққиқ кӯдаки маъмулан солиму қавӣ ба реҷаи кори муассисаи томактабӣ, мавқеи нави иҷтимоӣ - хонанда зуд мутобиқ мешавад ва ба доираи нави муносибатҳои иҷтимоӣ одат мекунад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада унвонҷӯ тавсияҳои методиро оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ пешниход намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияхо интишор ёфтаанд. Мақолахо мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

Дар баробари муваффақиятҳои кори таҳқиқотии анҷомдодашуда, автореферати он аз камбудихо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд дар навишти номи олимони рус ( Н.М.Щелованов, Щедрина А.Г.) ба талабот ва меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ диққат дода мешуд.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии тахқиқоти илмиро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферат мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи милли Тоҷикистон Ҳоҷиматова Г.М.

05.12.2024 с.

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Телефон: 931 00 20 58.

Имзои Г.М. Ҳоҷиматоваро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.